# ПРОТОКОЛИ

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 29.06.2023 с. ш. Душанбе

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022 таҳти №17/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, аз инҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси шӯро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои унвонҷӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, **Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич -** дар мавзӯи “Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандаги” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Роҳбари илмӣ:

Содиқов Раҳмон Ҳамроевич. н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

**Ҷурабоев Ғафурҷон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсенти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон.

Раис: Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба котиби илмии шӯро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло дода мешавад.

Котиби илмӣ: Маълумотномаи **Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич**ро қироат мекунад.

Раис: Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба унвонҷӯ **Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич** барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Хайруллоев Ф.Н...: Баромад мекунад.

Раис: Кӣ ба Хайруллоев Ф.Н... савол дорад? Марҳамат, аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: д.и.и, профессор Бобоев О., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., дотсент Хоҷаев П.Д., д.и.и., профессор Рауфи А, ва д.и.т., дотсент Фохаков А.С.

Хайруллоев Ф.Н.: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя. Сухани навбатӣ ба роҳбари илмии унвонҷӯ Содиқов Раҳмон Ҳамроевич. н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: Содиқов Раҳмон Ҳамроевич. Баромад мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба котиби Шӯрои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шӯро ворид шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмӣ: қироат мекунад:

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ.

2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Оид ба тақризҳои қироатгардида ба котиби шӯро саволҳо ҳаст? Нест. Сухан ба унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Хайруллоев Ф.Н. Баромад намуда, ба эродҳои муассисаи пешбар ва эродҳои ба тақризҳо воридшуда ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба котиби Шӯрои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои ироа намудани тақризи муқарризи расмӣ Ҷурабоев Ғафурҷон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода мешавад.

Ашурзода А.Н.: Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Хайруллоев Ф.Н.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсенти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав дода мешавад.

Зувайдуллоева Г.Х.: Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н... барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Хайруллоев Ф.Н.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шӯро ҳамчун мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда эътироф шудаанд, дода мешавад. Баромад намуданд: д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р- д.и.и., дотсент Каримова М.Т ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д баромад намуданд.

Раис: Агар боз хоҳишмандон бошад, марҳамат. Хоҳишмандон нест? Кифоя.

Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба муқарризони ғайрирасмӣ дода мешавад. Марҳамат!

Хайруллоев Ф.Н.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамбастиро қироат мекунад.

Раис: Ташаккур! Акнун мегузарем ба тартиби овоздиҳии пинҳонӣ. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем.

Чӣ хел пешниҳодҳо, аз рӯи шумора? 3 нафар. Марҳамат! Зид, бетараф нестанд! Марҳамат! Мушаххас киҳо? Пешниҳод шуд, ки ба комиссияи ҳисоб аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоев О., ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримова М.Т пешниҳод карда шаванд.

Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати комиссияи интихобӣ мебошад, марҳамат овоз диҳад. Тарафдор 10 Зид - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур!

Марҳамат! Гурӯҳи комиссияи ҳисоб хоҳишмандам ба вазифаи худ шурӯъ намоянд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А дода мешавад. Марҳамат!

Рауфӣ А: Ташаккур! Муҳтарам раис! Муҳтарам аъзои Шӯрои диссертатсионӣ! Иҷозат диҳед суратҷаласаи №1 ҷаласаи комиссияи ҳисоб аз 29 июни соли 2023, ки аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 интихоб шудааст, ба саҳми шумо расонам. Комиссияи овоздиҳӣ дар ҳайати 3 нафар: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоев О., ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримова М.Т таъсиси дода шуда буд. Комиссияи интихобшуда барои ҳисоби овозҳои пинҳонӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич. мебошад.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 10 нафар аъзои Шӯро, докторони илм аз рӯйи соҳаи дар диссертатсия баррасишаванда 4 нафар, номзади илм 1 нафар. Варақаҳои интихобии тақсимшуда 10 адад, варақаҳои интихобии тақсимнашуда нест, варақаҳои бекоршуда нест.

Натиҷаи овоздиҳӣ оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич. чунин аст. Тарафдор – 10 нафар, бетараф – нест, варақаҳои бекор – нест.

Раис: Ташаккур! Кӣ тарафдори он ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, марҳамат, овоз диҳед. Тарафдор – 10 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур.

Мутобиқи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба баррасии лоиҳаи хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ мегузарем, ки дар оғози ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни шӯро тақсим шуда буд. Чӣ гуна таклифҳо мешаванд? Биёед, муҳокима мекунем. (Аъзоёни шӯро эродҳо ва иловаҳои худашонро баён мекунанд, муҳокима меравад). Кӣ тарафдори он аст, ки хулоса дар маҷмуъ қабул карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Хулосаи шӯро якдилона дар таҳрири зерин қабул мегардад.

Аъзоёни шӯро: Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

Раис: Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич. мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед, қарори Шӯрои диссертатсиониро барои ҳимояи диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич. эълон кунам.

ҚАРОРИ

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 29 июни соли 2023, № 1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи дар мавзуи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандаги" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика, тақризи роҳбари илмӣ - н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқов Раҳмон Ҳамроевич тақризи муассисаи пешбар - Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: **Ҷурабоев Ғафурҷон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, **Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсенти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р- д.и.и., дотсент

Каримова М.Т ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандаги" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич. бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонада шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

29 июни соли 2023

Мухри муассиса

ҚАРОРИ

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ

аз 29 июни соли 2023, №_1_ ш. Душанбе

Диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика), пешниҳод ва шунида шуда, мавриди муҳокима қарор гирифт.

Вобаста ба тақризи роҳбари илмӣ Содиқов Раҳмон Ҳамроевич - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ Ҷӯрабоев Ғафурҷон - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкори Тоҷикистон, Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини декан оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва баромадҳои муқарризҳои ғайрирасмӣ: д.и.и., профессор Низамова Т.Д., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р. ва д.и.и. дотсент Каримова М.Т.

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамияти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳодшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.
3. Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) сарфароз гардонида шавад.
4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н.

29 июни соли 2023

Мухри муассиса

ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №07

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 29.06.2023, № 01

Барои сазовор донистани Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи “Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба ҳимоя 29-уми марти соли 2023 қабул карда шуд, суратмаҷлиси №3 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич соли 1989, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавсуф соли 2007 ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳо қабул шуда, донишгоҳи номбурдаро соли 2012 бо ихтисоси 060800 иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳо бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст.

Аз соли 2012 фаъолияти меҳнатияшро ба ҳайси асисстент, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон то ҳол идома дода истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Содиқов Раҳмон Ҳамроевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Ҷӯрабоев Ғафурҷон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**2. Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини декан оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи кафедраи « Фаъолияти бонкӣ», суратҷаласаи №10 аз 25 майи соли 2023 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири кафедра, номзади илмҳои иқтисодӣ, Ҳалимов Л.М., ташхисгар - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Исупова Б.Ф.. ва котиби ҷаласа Абдулоев А.Б имзо шуда, аз тарафи ректори Донишгоҳи зикршуда д.и.т., дотсент Назарзода Х.Х санаи 30.05.2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи “Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илми тадқиқотии мустақил ва ба анҷом расида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

1. [1-М] **Содиқов Р.Х., Хайруллоев Ф.Н.** Тасниф ва баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ // Паёми молия ва иқтисод. 2022. - №4/1(33). (маҷаллаи илмӣ-амалӣ)- С. 178-187 ISSN 2663-0389 (0,62 ҷ.ч. Ҳиссаи муаллиф 0,4 ҷ.ч.).

2. [2-М]. **Хайруллоев Ф.Н.** Роҳҳои кам кардани хавфҳо дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми ахбори Академияи Миллии илмҳои Тоҷикистон. - 2022. №1(22). - С.132-136. ISSN 2791-2639. (0,31 ҷ.ч.).

3. [3-М]. **Хайруллоев Ф.Н.** Хавфҳои лоиҳаҳои инвеститсионӣ: таҳлил ва усулҳои баҳодиҳӣ [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2021. №1(35) - С. 195-200. ISSN 2308054-Х. (0,37 ҷ. ч.).

4. [4-М]. **Хайруллоев Ф.Н.** Роҳҳои идоракунии хавфҳо ва натиҷаи онҳо дар корхона // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2020. №1(30). - С. 60-63. ISSN 2308054- Х. (0,25 ҷ.ч.).

5. [5-М]**Хайруллоев Ф.Н.** Гурӯҳбандии хавфҳо ва сабабҳои пайдоиши он // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2020. №1(30). - С. 131-136. ISSN 2308054- Х. (0,37 ҷ.ч.).

6. [6-М]. Хайруллоев Ф.Н. Таснифи хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ [Матн] / / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2020. №4-2(34).- С. 236-243. ISSN 2308054- Х. (0,5 ҷ.ч.).

7. [7-М]. **Содиқов Р.Х., Хайруллоев Ф.Н.** Ташкили системаи суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2018. №4-2(25). - С. 95-102. ISSN 2308054-Х. (0,43 ҷ.ч. Ҳиссаи муаллиф 0,25 ҷ.ч.).

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

8. [8-М]. **Хайруллоев Ф.Н., Қаландаров И.Э., Абдулфайзов А.А.** Идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев., Қаландаров И.Э., Абдулфайзов А.А. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2017. №1 (28) - С.113-118. (0,37 ҷ.ч. Ҳиссаи муаллиф 0,15 ҷ.ч.).

9. [9-М]. **Усмонова М.А., Сулейманова Х.Р.,Хайруллоев Ф.Н.** Основы управления качеством продукции пишевой промышленности [Текст]/ Усмонова М.А., Сулейманова Х.Р., Хайруллоев Ф.Н. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - 2018. №2(33) - С.119-125. ISSN 2308-054Х. (0,43 ҷ.ч.)

10. [10-М]. **Хайруллоев Ф.Н.** Моҳияти суғуртакунии хавфҳои бонкӣ [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - 2018. №2(33) - С.125-131. ISSN 2308-054Х. (0,43 ҷ.ч.).

11. [11-М]. **Қаландаров И.Э., Абдулфайзов А.А., Хайруллоев Ф.Н.** Аҳамияти сармоягузориҳо ба рушди фаъолияти соҳибкории хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ [Матн] / Қаландаров И.Э., Абдулфайзов А.А., Хайруллоев Ф.Н. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - 2019. №2(37) - С. 121-125. ISSN 2308-054Х. (0,31 ҷ.ч.).

12. [12-М]. **Хайруллоев Ф.Н.** Таснифи хавфҳо: аососнокунии аломатҳо ва таҳияи амсила [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - 2019. №3(38) - С. 110-115. ISSN 2308-054Х. (0,37 ҷ.ч.)

13. [13-М]. **Хайруллоев Ф.Н.** Инвеститционые риски и пути их минимизации в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Хайруллоев // Материалы международной научно-практической конференции «Обеспичение продовольственной безапасности и качества продуктов первой необходимости в условиях деятельности Республики Таджикистан во

всемирной таргововой организации и таможенного союза» (май 2016 г. Душанбе). - Душанбе: ДТТ, 2016. - С. 149-153. (0,31 п.л.)

14. [14-М]. **Хайруллоев Ф.Н.** Моҳият ва аҳамияти суғуртакунонии хавфи бонкӣ [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев. // Маводи конференсияи илмӣ- амалӣ «Масъалаҳои таъмини самаранокии ҳамбастагии илм ва истеҳсолот» (20-21 ноябри соли 2020). - Душанбе: ДТТ, - С. 219-224 (0,37 ч.ч)

15. [15-М]. **Хайруллоев Ф.Н., Қаландаров И.Э.** Идоракунии хавфҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев., И.Э. Қаландаров // Маводи конференсияи илмӣ- амалӣ «Саҳми олимони ҷавон дар рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (майи 2017 ш. Душанбе). - Душанбе: ДТТ, - С. 162-165 (0,25 ч.ч)

16. [16-М]. **Хайруллоев Ф.Н., Қаландаров И.Э.** Роль и сущность инвеститционых рисков и пути их минимизации в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Хайруллоев., И.Э. Қаландаров // Современные иследования проблем управления кадровыми ресурсами «Сборник научных статей по результатам международной научно- практической конференции (2017 г). - М.: МИРЭА «МТУ», - С. 440-446 (0,37 п.л.).

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Хайрзода Ш.Қ.** - Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, доктори илмҳои иқтисодӣ, бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

1. Агар дар автореферат мушкилоти дар самти суғуртакунии корхонаҳои саноати бофандагӣ мавҷудбуда ва роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода мешуд, он гоҳ мазмун ва муҳтавои таҳқиқот боз ҳам хубтар мешуд.

2. Муаллиф агар дар автореферат моҳияти шаҷараи робитаи тарафайни коэффитсиентҳо ва устувории молиявии корхонаҳои саноати бофандагиро (расми 4) мушаххас шарҳ медод, қимати илмии таҳқиқот боз ҳам баланд мегардид.

**2. Самандарзода И.Ҳ.**- Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

1. Агар муаллиф моҳият ва аҳамияти амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳоро (ҷадвали 8) шарҳ медод, қимати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд.

2. Дар матни автореферат баъзе мавҳумҳои баҳсталаб нисбати таъсири хавфҳои гуногун ба фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чашм мерасанд.

**3. Ҷураев М.А.** Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Директори Филиали Донишгоҳи таҳқиқотии технологӣ МИСИС дар шаҳри Душанбе бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:

1. Дар автореферат ба баррасии муаммоҳое, ки дар раванди суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дида мешаванд, пурра зикр нагардиданд.

2. Мутаассифона дар автореферат омӯзиши баъзе ҷабҳаҳои баҳодиҳии хатарҳои истеҳсолӣ аз диди назари муаллиф дур мондааст.

**4. Х.Ш. Пӯлодова** - Н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии Иқтисодиёт ва маркетинг МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номиакадемик Б.Ғафуров"чунин эродҳо пешниҳод намудааст:

1. Агар дар автореферат технологияи татбиқи барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешуд, он гоҳ сифати таҳқиқот пурмуҳтаво мегардид.

2. Дар матни автореферат арзёбии самаранокии суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ пурра дарҷ нашудааст.

**5. Давлатзода Б.Р.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе чунин эродҳо пешниҳод намудааст:

1. Дар автореферат оид ба таҷрибаи байналхалқии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ маводҳои кофӣ оварда мешуд, он гоҳ қимати таҳқиқот баланд мегардид.

2. Инчунин дар автореферат баррасии принсипҳои таснифи хавфҳо аз рӯйи нишонаҳои асосӣ ва пешниҳоди таснифи онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба пуррагӣ дида баромада нашудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо характери тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:**

- омӯзиши ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ ва пешниҳоди таърифи мафҳумҳои "хавф", "хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ" ва "суғуртакунии хавфҳо";
- муайян намудани принсипҳои таснифи хавфҳо аз рӯйи нишонаҳои асосӣ ва пешниҳоди таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ;
- таҳияи асосҳои методии баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ;
- баҳодиҳии сифатии таъсири хавфҳои гуногун ба фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси усули баҳодиҳии экспертӣ;
- арзёбии самаранокии суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ;
- таҳияи алгоритми суғуртакунӣ ва барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳияи амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:** татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонанд барои таҳлил ва баҳогузорӣ намудани ҳолати баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои оянда истифода бурда шаванд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои тадқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

Натиҷаҳои илмии дар ҷараёни таҳияи диссертатсия бадастовардашуда дар таҳқиқотҳои оянда, ки ба самти баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ нигаронида шудаанд, истифода бурда мешаванд. Нуқтаҳои илман асосноккардашуда ва хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд барои омодасозии заминаҳои методӣ ва ҷиҳатҳои амалии барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ истифода карда шаванд. Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои «Суғурта», «Молияи корхонаҳо», «Идоракунии лоиҳаҳо», «Муҳити молиявии соҳибкорӣ ва хавфҳои соҳибкорӣ» ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

эътимоднокӣ бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назарӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот барои расидан ба мақсади гузошташуда, аз ҷумла интихоби мавзуъ ва таҳияи нақшаи он, асоснoккунии сатҳи мубрамияти он, муайян кардани ҳадафу вазифаҳо ва ноил шудан ба онҳо ифода ёфтааст. Муаллиф дар раванди ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, асосноккунии заминаҳои такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири рушди корхонаҳои мазкур ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии ватанӣ саҳми бевоситаи худро гузошта, хулосаю пешниҳодҳои илман асоснокро ба даст оварда, дар

асоси онҳо мақолаҳои илмиро ба нашр расонидааст. Истифодаи усулҳои умумиилмӣ комилият ва эътимоднокии диссертатсияро таъмин менамояд.

Дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 29 июни соли 2023 қарори сазовор донистани Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 10 нафар аъзои шӯро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Низамова Т.Д.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Ашурзода А.Н.**

Санаи барасмиятдарории хулоса **29 июни соли 2023**